## ПРОТОКОЛИ №93
## ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019

**28 марти соли 2026** **ш. Душанбе**

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои шуро, 14 нафар

**Раиси шуро:** Аз 16 нафар аъзои Шурои диссертатсионии бо фармони КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, №15/шд (бо тағйиру иловаҳо аз 05 июли соли 2024, таҳти №225/шд) тасдиқ гардида, 14 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 4 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод гардид, ки ҷаласа кушода эълон гардад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Солеҳзода Давлатбек Уроқ дар мавзуи «Экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ.

**ШУНИДА ШУД:**

Раиси комиссияи экспертӣ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, аъзои шуро Шарипов Т.Ш., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, аъзои Шурои диссертатсионӣ Мирзамонзода Х.М., ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи сулҳ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Шерализода М.Ш оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Солеҳзода Давлатбек Уроқ дар мавзуи «Экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Солеҳзода Давлатбек Уроқ дар мавзуи «Экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Солеҳзода Давлатбек Уроқ дар мавзуи «Экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– Рахмадҷонзода Рифат Рахмадҷон – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, муовини сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, полковники милитсия

– Ҳамроев Шухрат Садирович – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи Славянии Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Муассисаи байнидавлатии таълимии таҳсилоти олии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (шаҳри Ҳуҷанд).

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор 14 нафар, муқобил-нест, бетараф-нест. Қарор якдилона ҷонибдорӣ гардид.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назаров А.Қ.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Мирзозода Қ.Х.**